“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С.
аз “30” 06 соли 2025

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба диссертатсияи Казокзода Умеда Ҳурматулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050612 - Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ) дар кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Казокзода Умеда Ҳурматулло докторанти фалсафа (PhD)-и кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Казокзода Умеда Ҳурматулло соли 2015 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз руйи ихтисоси кори бонкӣ бо дипломи (дараҷаи бакалавр) таҳсил намуда, соли 2020 хатм намудааст. Соли 2020 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси - танзими давлатии иктисоди миллӣ дар тобеияти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатари иқтисодӣ таҳсил намуда, донишгоҳи мазкурро соли 2022 хатм кардааст. Баъд аз хатми магистратура аз 1.10.2022 таҳти № 375-05 ба докторант (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт ба кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил оғоз намуда, онро соли 2025 (фармоиши ректори Донишгоҳ аз 25.08.2025с таҳти №253-05) хатм намудааст.

Казокзода Умеда Ҳурматулло фаъолияти кориашро солҳои 2020 то 2024 дар факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси коргузор оғоз намудаст.

Номбурда аз соли 2025 то инҷониб дар филиали №14-и Корхонаи воҳиди давлатии Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” дар шаҳри Ваҳдат ба ҳайси иқтисодчии дараҷаи 2 оид ба қарз фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Казокзода Умеда Ҳурматулло дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти

суратҷаласаи № 3 аз 28-уми октябри соли 2022 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, докторанти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тағоев Баҳром Дустмаҳмадович таъин гардидааст.

Мувофиқи нақшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳо ва кадрҳои илмӣ-педагогӣ, аз тарафи докторант (PhD) 180 кредит аз худ шудааст ва имтиҳони ниҳоиро бо муваффақият супоридааст.

Диссертатсияи Казокзода Умеда Ҳурматулло аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050612. - Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ) дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ, иқтисод ва идораи КАС-и факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таври ошкоро аз “26”июни соли 2025 суратҷаласаи №11 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбӣ дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи “Ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050612. - Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ) чунин хулосаҳо баровbooарда шуд:

**Тавсифи умумии таҳқиқот**

**Баҳои кори иҷрошуда.** Ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз”, бахусус дар соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии рушди устувор мебошад, ки ҳалли он бо роҳи инкишоф додани шароити ҳавасмандгардонии амалисозии чорабиниҳои экологӣ-иқтисодӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ ба даст оварда мешавад. Тамоюли мураккаб гардидани муносибати байни иқтисодиёт ва табиат солҳои охир нишон медиҳад, ки раванди ҳавасмандгардонии рушди минтақавии экологӣ ва иқтисодӣ истифодаи ҳамаҷонибаи воситаҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, истеҳсолӣ, технологӣ ва дигар воситаҳоро тақозо менамояд, ки бояд дар амал татбиқ карда шаванд. Ин ҷараён на танҳо ба мақсади муҳайё намудани шароити мусоид барои тараққиёти мутадили иқтисодиёт, балки барои истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ равона карда мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам ба мисли баъзе мамлакатҳои ҷаҳон ба вазъияти ҷаҳонии мушкилоти экологӣ дучор меояд. Оид ба муҳимияти мушкилоти экологӣ роҳбари олии кишвар, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар баромадҳои худ қайд кардаанд: «...бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯза моро лозим аст, ки чунон кору фаъолият намоем, ки ба ҳар гуна мушкилоти эҳтимолӣ омода бошем ва нагузорем, ки мардуми мо аз норасоии маводи

ғизоӣ танқисӣ кашанд». Дар ин раванд, татбиқи сиёсати аграрӣ нақши калидӣ дошта, он дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз» ба ҳалли масъалаҳои муҳимми экологӣ-иқтисодӣ ва беҳдошти муҳити зисти аҳолӣ равона мегардад.

Аз ин ҷост, ки ташаккул ва рушди иқтисоди "сабз"-ҳамчун як самти муҳими рушди устувори ҷумҳурӣ бевосита ба кам намудан (минимизатсия)-и ифлосшавӣ ва таназзули муҳити зист, гум шудани гуногунии биологӣ, мураккаб гардидани саломатии инсон ва дигар равандҳо вобаста ба тағйироти иқлим оварда мерасонад. Ин мушкилот ва тамоюли номатлуб ба манфиатҳои кишвар ва шаҳрвандони он ба таври назаррас таъсир мерасонад. Ҳоло дар баъзе минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ тамоюлҳои зидди устувор, аз он ҷумла: сатҳи баланди нишондодҳо, шиддатнокии муҳити зист, зиёд шудани бемориҳои аҳолӣ аз таъсири ифлос-шавии муҳити зист, баҳо надодани арзиши хизматрасонии экосистемавӣ, вобастагии рушди иҷтимоию иқтисодӣ аз содироти захираҳои табиӣ ва ғайраҳо ба назар мерасад.

Омӯзиши умумӣ ҷидду ҷаҳди мақомотҳои дав-латӣ, ташкилотҳои тиҷоратию ҷамъиятӣ, корхонаҳо, шаҳрвандони ташаб-бускор дар ҳалли муаммоҳои экологӣ ва иқтисодии мамлакат дар роҳи ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди "сабз" барои наслҳои ҳозира ва оянда қадами муҳим мебошад. Ҳамин тариқ, зарурати ташаккул ва рушди иқтисоди "сабз" дар соҳаи кишоварзӣ дар асоси гузариши ҷомеаи муосир ба рушди устувор аҳамияти таҳқиқоти диссертатсияро муайян мекунад, ки яке аз мавзуи муҳим, рӯзмарра ва дар айни ҳол ҳалталаб ба ҳисоб меравад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф, аз қабили интихоби мавзӯъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот гузаронида шудааст. Муаллиф дар таҳияи муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва методӣ оид ба муайян ва асосноксозии самтҳои авлавиятдори таъмини амнияти иқтисодӣ дар доираи рушди устувори ҷумҳурӣ натиҷаҳои иқтисодии фаъолияти донишомӯзӣ саҳм гузоштааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои илмию амалии диссертатсияро метавон дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва маҳаллии кишвар зимни амалисозии рушди соҳаи кишоварзӣ, иқтисодиёти минтақаҳои кишвар ва таъмини амнияти озуқаворӣ истифода бурда шавад. Аз ҷумла, маълумотҳои онро дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомотҳои дахлдори маҳаллӣ дар минтақаҳо метавон, истифода шаванд.

Ҷанбаҳои методологии таҳқиқот ҳангоми баҳои судманди рушди иқтисоди «сабз» ва иқтисодиёти кишоварзӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ, беҳдошти муҳити зист, ки ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди устувори минтақаҳои мамлакат мусоидат менамояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимии «Иқтисодиёти истифодабарии захираҳои табиӣ», «Иқтисоди миллӣ», «Иқтисоди сабз» ва «Рушди устувори иқтисодӣ» истифода бурда шудаанд. Аҳамияти амалии таҳқиқот ба он асос меёбад, ки бо мувофиқат кардани натиҷаҳои бадастомада бо афкори назариявии классикӣ ва муосир, ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз», истифодаи оқилонаи захираҳои замину об ва беҳдошти муҳти зист дар минтақаҳо муайян мегардад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқотро дар рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва рушди устувори минтақаҳои кишвар ҳангоми коркарди барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ, ки ба таъмини истиқлолияти озуқавори равона мегарадад, бо роҳи таҳқиқот дар корхонаҳои кишоварзӣ ва таъминии рушди устувори иқтисодиёти кишвар ва барномаҳои таълимӣ метавон истифода бурд. Қисматҳои алоҳидаи пешниҳоди муаллиф мумкин аст дар татбиқи амалии Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 дар соҳаи кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ мавриди истифода қарор гирад.

Зимни ҳаллу фасли вазифаҳои рисолаи илмӣ усулҳои зерин: таҳлили таърихӣ ва мантиқӣ, абстраксияи илмӣ, таҳлили муқоисавӣ, усулҳои таҳлили оморӣ ва иқтисодӣ – оморӣ, усули системавӣ ва амсоли он мавриди истифода қарор гирифтааст. Истифодаи усулҳои зикршуда имконият доданд, то таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳи баланди илмӣ иҷро карда шавад ва хулосаю пешниҳодҳои асоснок аз натиҷаҳои таҳқиқи маводи назариявию амалӣ ба даст оварда шаванд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз асоснокунии назариявии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» ва таҳияи дастурамалҳои услубӣ-амалӣ оид ба таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳад. Натиҷаҳои асосие, ки дар раванди таҳқиқот аз тарафи муаллиф ба даст оварда шудаанд, дорои навгониҳои зерин мебошанд:

- дар асоси омӯзиши адабиёти гуногуни ватанӣ ва хориҷӣ самтҳои назариявии мафҳуми иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, бахусус, заминҳои кишти кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои ғизои аз лиҳози экологӣ тозаю безарар ва ба роҳ таъмини рушди устувори ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ мусоидат менамояд;

- хусусиятҳо ва принсипҳои асоси ташаккули иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ дар давлатҳои пешрафта муайян ва аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст, ки он ба фаъолияти судманди корхонаҳои кишоварзӣ, истеҳсоли ҳар чи зиёди маҳсулотҳои озуқаворӣ, таъмини бозори озуқаворӣ ва беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолӣ дар минтақаҳои кишвар равона мегардад;

- вазъи муосири соҳаи кишоварзӣ истифодаи захираҳои замину об таҳлил гардида, мушкилоти экологӣ-иқтисодии он муайн ва роҳҳои таъмини самараноки истеҳсолоти кишоварзӣ дар заминаи гузариш иқтисоди «сабз» баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ карда шудааст;

- зарурати дастгирии давлатии рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ таҳқиқ ва баррасӣ карда шудааст, ки ба ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявии истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои озуқавории тозаи экологӣ ва беҳдошти муҳити зисти аҳолӣ, ҷалби маблағгузориҳои «сабз» ва ғайрибуҷетӣ ба рушди сайёҳии экологӣ ва дар заминаи он ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ҳифзи экосистемаҳои минтақавӣ, коркарди модели рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз ва маҳсулотҳои аз нигоҳи экологӣ тоза, муҳофизати муҳити зист, таъмини вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолии деҳот ва самаранокии занҷираи амудии дар комплекси агросаноатӣ коркард ва пешниҳод шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Як қатор муқаррароте, ки ҷанбаҳои мукамали илмӣ доранд ва ҳамчун нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда маҳсуб меёбанд, аз инҳо иборатанд:

- ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди «иқтисоди «сабз»» дар соҳаи кишоварзӣ дар асоси принсипи рушди устувори иқтисодиёти кишвар таҳқиқ гардидаст, ки ба истифодаи самараноки захираҳои замин ва об ва муҳофизати экосистемаҳои табиӣ, истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулотҳои озуқаворӣ ва вазъи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд;

- хусусиятҳо ва принсипҳои хоси рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ таҳқиқ гардидааст, ки он ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, аз ҷумла заминҳои кишти кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои аз нигоҳи экологӣ тоза ва беҳдошти муҳити зист дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ асоснок карда шудааст;

- самтҳои асосии дастгирии давлатии рушди «иқтисоди «сабз» бо назардошти хусусиятҳои хосси соҳаи кишоварзӣ, ки ба ҳавасмандиҳои молиявии истифодаи самараноки захираҳои замину об ва ҳифзи муҳити зисти аҳолӣ, имконияти минбаъдаи рушди сайёҳии экологӣ ва дар заминаи он ташкили ҷойҳои нави кори «сабз» аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди минтақаҳои кишвар;

- коркарди модели рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар заминаи гузариш ба «иқтисоди «сабз», ки ба истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулоти озуқаворӣ ва аз лиҳози экологӣ тоза, рушди соҳибкории хурду миёна дар деҳот, коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ ва таъмини рушди устувори минтақаҳои кишвар равона шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050612. - Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ) мувофиқат меку-над: қисми 4. Кишоварзӣ ва экология. 1.4.1. ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии татбиқи иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ ва экология; 1.4.5. муаммоҳо ва мушкилотҳои рушди соҳаҳои кишоварзӣ дар низоми гузариш ба иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ; 1.4.8. танзими давлатии соҳаҳои кишоварзӣ, экология ва дигар соҳаҳои КАС ҳангоми амалишавии барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо ва стратегияи рушди иқтисоди сабз; 1.4.16. таҳқиқи масоили экологӣ, ҳифзи муҳити зист ва нигоҳдории дараҷаи таъмини рушди устувори иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар доираи низоми иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Натиҷаи ниҳоӣ ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои истифода дар раванди фаъолияти онҳо пешниҳод шудаанд. Оид ба дар амалия истифода бурдани паҳлуҳои таҳқиқоти илмӣ санадҳои дахлдор мавҷуданд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Оид ба таҳқиқоти диссертатсионии мазкур як қатор барномаву стратегияҳо, ба монанди, Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маълумоти Вазорати кишоварзӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, ҳамчун матни манбаъ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, маводҳои Бонки Осиёии Рушд ва ғайраҳо истифода шудаанд. Робитаи таҳқиқот бо барномаи дарозмуҳлати Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020, Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, Стратегияи рушди иқтисоди сабз барои солҳои 2023-2037, инчунин консепсияҳо ва тавсияҳои СММ, ки ба

амалисозии самтҳои авлавиятдори таъмини амнияти иқтисодӣ дар доираи рушди устувори ҷумҳурӣ бахшида шудаанд вуҷуд дошта, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 2-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии он 5,6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

## 1. ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

Мақолаҳои дар маҷаллаҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М] Казокзода У.Ҳ. Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ- самти муҳими рушди устувори иқтисоди минтақа [Матн] / У.Х. Қазоқзода // Дар маҷаллаи “Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон”. Бахшҳои илмҳои иҷтимои-иктисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, 2024. - Қисми 1, №10. саҳ. 89-99.

[2-М] Казокзода У.Ҳ. Истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ дар доираи рушди устувор иқтисодӣ [Матн] / У.Х. Қазоқзода, Х.Р. Исайнов. // дар маҷаллаи “Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон”. Бахшҳои илмҳои ичтимои-иктисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, 2023. - №5. саҳ. 32-42.

**2. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯйи маводҳои конференсия**

[3-М] Казокзода У.Ҳ.Рушди устувори иқтисодӣ: вазъи ҳозира ва дурнамои он дар ҷумҳурӣ [Матн] / У.Ҳ. Казокзода, Ҳ.Р. Исайнов // Маводи конференсияи илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи “Таълимоти бефосилаи касбӣ-электронӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” (ш. Душанбе, 22 -юми октябри соли 2021). Саҳ. 13-23.

[4-М] Казокзода У.Ҳ. Рушди устувори иқтисодӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва заминаҳои консептуалии пайдоиши он [Матн] / У.Ҳ. Казокзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи милли Тоҷикистон дар мавзуи “ Дурнамои рушди менеҷмент ва маркетинг дар шароити иқтисодиёти рақамӣ”. (ш. Душанбе, 22 -юми ноябри соли 2022). Саҳ. 135-142.

[5-М] Казокзода У.Х. Пути совершенствования механизма управления “Зелёной” экономики стран центрально-азиатского региона [Текст] / У.Х. Казокзода, Х.Р. Исайнов, М.М. Далятова, Дж.Х Рахмонов. // Материалы республиканской научно-практической конференцию Таджикиский национальный университет на тему “Формирование системы государственного и местного управления в условиях цифровизации экономики” (г. Душанбе, 25-го февраля 2022г). Стр. 31-42

[6-М] Казокзода У.Х. Водно-энергетическая безопасность стран Центральной Азии: эколого-экономические и инвестиционые аспекты [Текст] / У.Х. Казокзода, Х.Р. Исайнов, // Материалы республиканской научно-практической конференцию Таджикиский национальный университет на тему "Экономическая безопасность национальной экономики: возможности развития и вопросы цифровой экономики" (г. Душанбе, 31-го октября 2023г). Стр. 11-22

[7-М] Казокзода У.Ҳ. Рушди устувори иқтисодӣ: вазъи ҳозира ва самтҳои амалисозии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.Ҳ. Казокзода. // Маводи конференсияи илмӣ амалии байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи "Саноатикунонии босуръат ва масоили амалигардонии он дар Тоҷикистон" (ш. Душанбе, 17 – уми феврали соли 2023). Саҳ. 383-391.

[8-М] Казокзода У.Ҳ. Формирование и развитие "Зелёной экономики" – как направление устойчивого развития Таджикистана [Текст] / У.Х. Казокзода, Х.Р. Исайнов, // Материалы международной научно-практической конференции Таджикиский национальный университет на тему "Индустриализация национальной экономики: современное состаяние, проблемы и перспективы" (г. Душанбе, 2-го мая 2023г). Стр. 422-438

[9-М] Казокзода У.Х. Возобновляемая энергия - как фактор способствующие обеспе-чению устойчивого развития экономики: национальные и региональные аспекты [Текст] / У.Х. Казокзода, Б.Д. Тагоев // Материалы международной научно-практической конференции Таджикиский национальный университет на тему, Цифровизация государственного и местного управления: организац-ионный и экономический аспекты : Душанбе, 21 – го февраля 2025 года. – Душанбе, 2025. – Стр. 227-236.

**Ҷаласаи кафедра қарор қабул кард:**

1. Баромади Казокзода Умеда Ҳурматулло дар дар мавзуи «Ташаккул ва рушди иқтисоди "сабз" дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050612. - Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ) анҷомёта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Казокзода Умеда Ҳурматулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди иқтисоди "сабз" дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050612. - Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ) ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №295

“Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, №267” тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Казокзода Умеда Ҳурматулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050612. - Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ), ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-108 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои ҳимоя тавсия карда шавад.

Дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ, иқтисод ва идораи КАС-и факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок доштанд: Ҳамагӣ – 25 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 17 нафар. Аз ҷумла, д.и.и., профессор 3 нафар, номзадони илм 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 25 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Қарори Маҷлиси муштараки кафедраҳои иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ, иқтисод ва идораи КАС-и факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, суратҷаласаи №11 аз “26” июни соли 2025 тасдиқ карда шавад.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
мудири кафедраи иқтисоди миллӣ
ва бехатарии иқтисодии ДМТ Раҳимзода Ҳ.Р.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи иқтисоди
миллӣ ва бехатари иқтисодии ДМТ Сафаров А.Ҳ.

Дурустии имзоҳои Ҳ.Р. Раҳимзода ва
А.Ҳ. Сафаров – ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсусӣ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

30.06.2025с.